«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
н.и.т. Ниёзӣ С.Р.
______________________
«__05__» ______02.______ соли 2026

# ХУЛОСАИ

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи докторанти (PhD) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) пешниҳод шудааст.

Ҳасанзода Хуршед Раҷаб 19.01.1994 дар ноҳияи Рӯдакӣ ба дунё омадааст. Солҳои 2012-2017 дар факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил намуда, дипломи дараҷаи бакалаври педагогика, аз рӯи ихтисоси логопедия (диплом ДДМ №0073702) сазовор гардидаст. Соли 2017 дар кафедраи психологияи муассисаи мазкур аз рӯи ихтисоси равоншиноси амалии зинаи магистратура дохил шуда, онро соли 2021 (диплом ДММ №0009614) ба итмом расонид.

Ҳасанзода Хуршед Раҷаб бо фармоиши №267, аз 30 сентябри декабри 2021 ба ҳайси докторант (PhD) дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул шудааст.

Мавзуи рисолаи илмии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар санаи 31.12.2021 бо қарори ҷаласаи №11-и Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон зери унвони «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ»» зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи

назария ва таърихи педагогика Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна тасдиқ гардидааст.

Ҳасанзода Х.Р. солҳои 2021-2024 дар зинаи докторантура (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010400 – Арзёбии педагогӣ таҳсил карда, онро бо муваффақият хатм намудааст. Имтиҳонҳоро бо баҳои зерин супоридааст:

1. Философия ва методологияи педагогика - 5 (аъло).
2. Методологияи тадқиқоти илмӣ - 5 (аъло).
3. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб).
4. Педагогикаи умумӣ - 5 (аъло).
5. Асосҳои маҳорати педагогӣ - 4 (хуб).
6. Методологияи ташхиси гуманитарии комплексӣ - 5 (аъло).
7. Педагогикаи муқоисавӣ - 5 (аъло).
8. Асосҳои методологӣ ва гнесеологии таҳқиқоти докторӣ - 5 (аъло).
9. Этнопедагогика - 5 (аъло).
10. Психологияи педагогӣ - 4 (хуб).
11. Технологияи муосири таълим - 5 (аъло).
12. Назария ва методикаи таълими касбӣ - 5 (аъло).
13. Педагогикаи мактаби олӣ - 4 (хуб).
14. Асосҳои педагогӣ ва гнесеологии таҳқиқоти докторӣ - 5 (аъло).
15. Методикаи таълими салоҳиятнокӣ - 4 (хуб).
16. Педагогикаи синну солӣ - 5 (аъло).
17. Имтиҳони маҷмуӣ - 5 (аъло).

Маълумотномаи академӣ дар бораи аз бар намудани фанҳои таълимӣ тибқи талаботи нақшаи таълимӣ ва хатми доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисос аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 20 январи соли 2025, №4 дода шудааст.

Фаъолияти кориашро соли 2012 ба ҳайси раиси созмони талабагӣ ва омӯзгорони фанни биология оғоз намуда, сипас дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ кор кардааст. Солҳои 2021-2024 директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2024 то инҷониб дар вазифаи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе фаъолият менамояд.

Диссертатсияи Ҳасанзода Х.Р. дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида,

ба омӯзиши имконияту талаботи кӯдакони нуқсони нутқӣ дошта ба таълимгирии ҳамсолони солими онҳо дар МТТ ва таъмин намудани шароити педагогӣ имконияти якхела барои ҳамаи онҳо мебошад, равона гардидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот таҳқиқи хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ мебошад. Таҳсилоти фарогир дар ҳамаи муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ талаботи замон ва ҷомеаи муосир буда, аз он Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ягона берун буда наметавонад. Кишвари мо ба фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ҳамарӯза истифода мебарад.

Бояд қайд кард, ки то ба имрӯз дар зинаи таҳсилоти томактабӣ соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедии кишвари мо дар баробари дигар масъалаҳои мавҷудаи самти таҳсилоти фарогир, нақш ва вазифаашон дар самти кор бо кӯдакони нуқсони нутқӣ таҳқиқотҳо бурда мешаванд.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзишу таҳлили ҷанбаҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои нутқӣ дошта ва истифодаи амалии методу усулҳои босамари ислоҳӣ, ки барои бартарафсозии онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир равона шудаанд.

Дар доираи ин тадқиқот вазифаҳои фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбия вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, коркарди амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бо истифода аз роҳу усулҳои таъсиркунанда ба ин раванд (намудҳои гуногуни машғулиятҳо, фаъолиятҳо, иштироки оила, ҳамоҳангсозии кори мураббия ва логопед) муайян гардида, барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем” вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогиркоркард ва мавриди санҷиш қарор ёфт.

**Дар фарзияи тадқиқот ша**роитҳои мақсадноки педагоги раванди таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта муайян гардидаанд ва дар мавриде босамар хоҳанд буд, агар

- амсилаи педагогии бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ татбиқ гардад;
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед барои ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикии кӯдакон мусоидат кунад;

- фаъолиятҳои ҳамгирошудаи гурӯҳии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогир таҳти роҳнамоии мураббия ва логопед, ки боиси афзоиши бештари луғати фаъол, овозҳои дуруст талаффузшуда, давомнокии бештари муколама гардад.
- Барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем" вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогир татбиқ карда шавад;

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки хусусиятҳои равонӣ-педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун системаи мукаммал, ки тамоми ҷанбаҳои инкишофи нутқро дар бар мегирад, муайян карда шуда, шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаи таълимии томактабӣ коркард ва мавриди истифода қарор ёфтанд. Амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ таҳия гардид. Роҳу усулҳои мушаххаси педагогӣ пешниҳод гардидаанд, ки барои татбиқи босамари амсилаи таҳияшуда дар муҳити таҳсилоти фарогир имкон медиҳанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Омодагии касбии мураббия ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсонҳои нутқидоштаи синни томактабӣ дар марҳилаи нав таҷдиди назар ва азнавсозии роҳҳои ташаккули маҳорати касбиро дар асоси истифодаи барномаи озмоишӣ талаб мекунад.

2. Бо воситаи Барномаи озмоишӣ имконпазир мегарданд:

- Босамарии бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бевосита аз ташхиси саривақтӣ ва банақшагирии корҳоиислоҳнамоӣ бо кӯдакон;

- Шароитҳои педагогӣ ба хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- Ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед дар ташаккул додани ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикӣ дар давоми сол;

- Коркард ва санҷиши Барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем" вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон малакаҳои нутқ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити таҳсилоти фарогир;

- Натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар коркарди технологияҳои нави педагогӣ ва усулҳои муосири ташхис, ки барои бартарафсозии нуқсони

нутқи кӯдакони синни томактабӣ равона шудаанд, мавриди истифода қарор меёбанд.

**Дар боби 1 - Боби якум “Заминаҳои таҳқиқи психологӣ-педагогии кӯдакони синну соли томактабии дорои нуқсонҳои нутқидошта”** номгузорӣ шудаастаҳлили психологӣ-педагогии асъалаи нуқсонҳои нутқӣ дар адабиётҳои илмӣ-методӣ “ қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамоянд ва ба ҳаракатҳои мусбати хеш қонеъ мегарданд. Нутқ воситаи асосии гуфтугӯи байни инсон аст.

Сабабҳои вайроншавии нутқ метавонанд гуногун бошанд. Ба рушди он метавонад ҳам омилҳои беруна ва ҳам омилҳои дохилӣ нақш бозад, ки дар он на танҳо фаҳмидани сабабҳои органикӣ марказӣ ва периферӣ, функсионалии вайроншавии нутқ, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна таъсири манфӣ Омилҳои ирсӣ дар рушди вайроншавии нутқ дар кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Онҳо аксар вақт шароитеро фароҳам меоранд, ки дар он мушкилоти нутқ дар якҷоягӣ бо таъсири беруна ва омилҳои иҷтимоӣ зоҳир мешаванд.

**Дар боби дуюм “Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ ”** дида баромада шуда, тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир таҳлил гардидааст.

Бо мақсади дастрас намудани таълим ва маълумотгирии баробар ва босифат ба ҳамаи кӯдакон мактабҳои таълимии таҳсилоти фарогир нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, метод ва шаклҳои таълим, гановатҳои моддию маънавиро бояд барои қонеъ гардондани талаботи кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта мувофиқ намоянд.

Салоҳияти мураббияи таҳсилоти фарогир ба салоҳияти махсуси касбӣ дохил шуда, аз мураббия иҷро намудани вазифаҳои касбиро дар ҷараёни таҳсилоти фарогир бо ба назар гирифтани талаботҳои гуногуни кудакон ва ба вуҷуд овардани муҳит барои рушд ва худинкишофдиҳӣ онҳо талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки кӯдаконе, ки нутқашон суст инкишоф ёфтааст, ба фаъолияти калонсолон дар бозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар рисолаи илмӣ ҷадвали бозиҳои нутқӣ, технологияи хондани асарҳои бадеӣ, иҷрои машқҳои таълимӣ, истифодаи маводи аёнӣ (садоӣ, аудиовизуалӣ) барои кӯдакон дар араванди баргузории машғулиятҳо ва берун аз он дар барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем” пешниҳод шудаанд.

**Дар боби сеюм “Таҳқиқи озмоишии хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир ”** дида шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм “Озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он “ қайд мегардад, ки назария ва амалияи таҳсилоти фарогир – дар якҷоягӣ ба таҳсил фарогирии бачагони имконияти маҳдуддошта ва солимро роҳандозӣ менамояд. Амалӣ гардонидани ин раванд омодагии мураббия, таъминоти методию барномавӣ ва таъмин намудани муҳити фарогир барои ҳамаи иштирокчиёнро талаб менамояд.

Мақсад, вазифа ва асосҳои ташкилии озмоиши таҷрибавӣ бо истифода технологияҳои педагогӣ аз таҳқиқоти аввалини мушоҳидаҳо дар раванди корҳои логопедӣ ва назорати ҷамъбастӣ иборат аст. Шарти асосии муваффақияти логопедӣ дар кор бо кӯдакони синну соли хурд воситаи инфиродии мутахассис мебошад. Вазифаи асосии машғулиятҳои инфиродии логопедӣ ислоҳ бахшидан ба забон, гуфтор, хотира, талаффуз ва инкишофи нутқи кӯдакон мебошад

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷагириҳо оварда шудаанд:

1. Тарбияи насли наврас дар замонпи имруза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имкониятошон маҳдуд диққати бештарро талаб мекунад.
2. Муваффақияти корҳои ислоҳӣ асосан аз иштироки волидон ва муносибати бошууронаи онҳо вобаста аст. Волидон бо фароҳам овардани имкониятҳо барои машқ намудан дар муоширати шифоҳии озод ба кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Ин ба тақвияти малака ва қобилиятҳои нутқ дар ҳаёти ҳаррӯза мусоидат мекунад.
3. Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ мо аз методи мушоҳидаи таркиби ҳарфӣ ва овозии калимаҳо васеъ истифода бурдем. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ кор бурда шуд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; банди 4.2. – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷҷасум меёбад.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа (н.и.п. Назиров Н., н.и.п. Давлатзода С., н.и.п.Шарифова С.) саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илми шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ; Давлатзода С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад намуданд.

Ҳамчунин, аъзои ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Маҳкамов Д., номзади илмҳои педагогӣ Котибова Ш., номзади илмҳои филологӣ Тоҳириён Ш. ба музокира баромаданд. Онҳо ақидаҳои худро баён намуда, оид ба кори таҳқиқотии докторант (PhD) Ҳасанзода Хуршед Раҷаббаҳои мусбат дода, тавсияҳои худро пешниҳод намуданд.

Натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, аз ҷумла, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзияи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти фарогир; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола асоснок мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 13 мақолаи илмии зерин, ки 4-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

1. Ҳасанов Х.Р. Этиология ва патогонези нуқсонҳои нутқӣ [Матн] /Ҳасанов Х.Р.//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2022.- №4 (40).- С. 132-135. ISSN 2617-5320.
2. Ҳасанов Х.Р. Омода намудани кӯдакони дорои нутқашон суст инкишофёфта барои таҳлил ва таркиби садо бо истифода аз бозиҳо. [Матн] / Ҳасанзода Х.Р. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2023. - №4 (44).- С. 105-109. ISSN 2617-5320.
3. Ҳасанов Х.Р. Хусусиятҳои педагогӣ-психологии пайдошавии нуқсони нутқӣ дар кӯдакон ва роҳҳои бартарафсози он. [Матн] /Ҳакимова Ҷ.С., Хасанов Х.Р. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. -№4 (45). – С. 113-118. ISSN 2222-9809.
4. Ҳасанов Х.Р. Корҳои ислоҳӣ-тарбиявӣ бо кӯдакони дорои вайроншавии зеҳнию нутқидошта [Матн] / Ҳасанов Х.Р. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2025. - №2 (50).- С. 162-167. ISSN 2617-5320.

***II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриёҳо ба чоп расидаанд:***

5. Хасанов Х.Р. Исследование детей с различными дефектами развития и пути их коррекции [Матн] / Хасанов Х.Р. // Международный научно-практический журнал «В мире науки и образование», Актау, Казахстан, №4,2024. – С.125-132. (в соавторстве)
6. Хасанов Х.Р. Комплексный подход к реализации индивидуального логопедического занятия у детей с моторной алалией [Матн] / Хасанов Х.Р. //Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир: – Душанбе, 2021. – С.371-375. (в соавторстве)
7. Ҳасанов Х.Р. Хусусиятҳои мафҳуми мувақатан қатъшавӣ ва инкишофи когнитивӣ дар кӯдакони қафомонии инкишофи психикӣ [Матн] / Ҳасанзода Х.Р. // Маҷаллаи “Падида”. Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорон. – Душанбе, 2022. – С.211-215.
8. Ҳасанов Х.Р. Хусусияти рафтори хашмгинона дар кӯдакони дорои ақланақибмонда [Матн] / Хасанов Х.Р. // Маҷаллаи “Падида”. Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорон. – Душанбе, 2022. – С.216-220.
9. Ҳасанов Х.Р. Нақши таҳсилоти фарогир дар таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд [Матн] /Хасанов Х.Р. // Маводи конфренсияи байналмилалӣ “Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”. – Душанбе, 2024. – С.135-139.
10. Ҳасанов Х.Р. Нуқсонҳои нутқӣ ва сабабҳои пайдоиши онҳо [Матн] /Ҳасанзода Х.Р. //Маводи конфренсияи байналмилалии «Масъалаҳои

мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир»”. – Душанбе, 2023. - С. 241-243.

11. Ҳасанов Х.Р. Сифатҳои шахсии логопед дар иҷтимоишавии кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта [Матн] / Ҳасанзода Х.Р. //Маводи конфренсияи байналмилалӣ “Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”. – Душанбе, 2024. – С.239-243.

12. Ҳасанов Х.Р. Хусусиятҳои назариявии инкишофи нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Ҳасанзода Х.Р. //Маводи конфренсияи байналмилалии «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2024. - С. 239-245.

13. [Ҳасанов Х.Р. Диагностика речевых нарушений у детей и методы их исследования. / Ҳасанзода Х.Р. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ». – Душанбе, 2025. - С.88-93.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласа шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» кори баанҷомрасида ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология), 6D010501-Педагогикаи махсус пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим мураттаб шуда, аз 05 феврали соли 2026, протоколи №02 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 12 - нафар иштирок доштанд,
Натиҷаҳои овоздиҳӣ:
Тарафдор - 12 нафар;
Зид-нест;
Бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои педагогӣ М.Бобоева

Котиби ҷаласа, ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои педагогӣ М.Шарифиён

05.02.2026 с.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адхамов 11/2
Тел.: 2 27 62 46, 227 45 25
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои М.Бобоева, М.Шарифиёнро тасдиқ мекунам*
*Мудири шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ* *Ҳакимова Х.*